# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Айнулозода Наҳтулло Айнуло дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924–2021)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ) пешниҳод шудааст**

**1. Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Раванди ба вуҷуд омадан ва тараққӣ ёфтани инфрасохтори соҳаи роҳсозиву нақлиёт аз ҷумлаи заминаҳои бунёдӣ ва муайянкунандаи рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давлатҳо ба шумор меравад. Шароити Тоҷикистон, ки бо хусусиятҳои мураккаби ҷуғрофӣ, иқлимӣ ва табиати худ фарқ мекунад, инкишофи соҳаи нақлиёт ва сохтмони роҳҳоро ба яке аз самтҳои аҳамиятноки сиёсати давлатӣ ва омили муҳими рушди иқтисодиёти миллӣ махсуб месозад. Мубрамияти кори диссертатсионии Айнулозода Н.А. дар он зоҳир мегардад, ки то имрӯз дар илми таърихи ватанӣ масъалаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт ва инфрасохтори нақлиётӣ дар Тоҷикистон (солҳои 1924–2021) ва аҳаммияти он дар пешрафти хоҷагии халқи мамлакат чӣ дар даврони шуравӣ ва чӣ то ҷашни 30-солагии истиқлолияти давлатӣ дар як таҳқиқоти фарогири маҷмӯӣ ва байнисоҳавӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифта буд. Таҳқиқи ин мавзуъ дар замони соҳибистиқлолӣ, ки раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон ба яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар қарор гирифтааст, арзиши баланди илмӣ ва амалӣ дорад.

**2. Иртиботи мавзуъ бо нақшаҳои барномавии корҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмиву таҳқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои солҳои 2020–2025 иҷро шудааст ва бо барномаҳои рушди стратегии кишвар ҳамоҳанг мебошад.

**3. Дараҷаи илмии эътимоднокии натиҷаҳо ва хулосаҳо.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷониби муассисаи пешбар баланд арзёбӣ мешавад.

Довталаб маҷмӯи васеи сарчашмаҳои аслии бойгониро аз фондҳои марказии кишвар ва вазоратҳои марбута, санадҳои расмии давлатӣ, маълумоти оморӣ ва матбуоти давриро ҷалб намудааст. Истифодаи методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлилӣ-оморӣ ва равиши низомнокӣ имкон додааст, ки хулосаҳои муаллиф устувор ва аз нигоҳи илмӣ асоснок бошанд.

**4. Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии диссертатсия пеш аз ҳама дар он собит мешавад, ки бори аввал дар таърихи илми ватанӣ равандҳои таърихии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми қариб як аср (1924–2021) дар шакли низомнок ва марҳила ба марҳила таҳлил шудааст. Муаллиф муваффақ шудааст, ки равобити функсионалии навъҳои гуногуни нақлиётро (мошингард, роҳи оҳан, ҳавоӣ) дар ташаккули заминаҳои иқтисодии давлат исбот намояд; нақши таърихии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар татбиқи стратегияҳои давлатии баромад аз бунбасти коммуникатсионӣ ба таври илмӣ нишон диҳад; моделҳои таҳлили таърихии соҳаро дар муқоиса бо дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ (Қирғизистон ва Узбекистон) арзёбӣ кунад.

**5. Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Таҳқиқот фазои нави илмиро дар самти таърихи иқтисодӣ ва нақлиётшиносии кишвар фароҳам оварда, заминаро барои ташаккули назарияҳо ва моделҳои миллии рушди инфрасохтор устувор мекунад. Натиҷаҳо ва хулосаҳои рисола метавонанд ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои ҳамгироии минтақавӣ, банақшагирии хатсайрҳои транзитӣ, сохтмони роҳу нақбҳо бо кишварҳои ҳамсоя (Чин, Узбекистон, Афғонистон ва ғайра) ва инчунин дар таълифи асарҳои дарсӣ дар муассисаҳои олии касбӣ истифода шаванд.

Маводи таҳқиқот метавонад пеш аз ҳама барои такмили раванди банақшагирии давлатӣ дар соҳаи нақлиёт ва роҳсозӣ истифода шавад. Дар шароити муосир, вақте ки самаранокии идоракунии давлатӣ аҳаммияти калидӣ дорад, ба инобат гирифтани таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди соҳа имконият медиҳад, ки қарорҳои қабулшаванда асосноктар ва ба воқеият

наздиктар бошанд. Дар натиҷа, сиёсати давлатӣ дар ин самт метавонад самаранокии баландтар касб намояд.

Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқ барои таҳияи стратегияҳо ва барномаҳои миллии рушди соҳаи нақлиёт ва логистика низ аҳаммияти ҷиддӣ доранд. Бо такя ба таҳлили равандҳои таърихӣ ва муайян намудани тамоюлҳои асосии рушд, имконият фароҳам меояд, ки самтҳои афзалиятноки минбаъда дақиқ муайян карда шаванд. Ин раванд барои ташаккули моделҳои устувори рушди инфрасохтор заминаи мусоид фароҳам меорад ва ба қабули қарорҳои дарозмуддат мусоидат мекунад.

Аз ҷониби дигар, аҳаммияти амалии таҳқиқот дар самти рушди худи инфрасохтори роҳу нақлиёт низ хеле муҳим аст. Хулосаҳои илмии бадастомада метавонанд дар раванди беҳтарсозии шабакаҳои роҳҳо, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии нақлиётӣ ва истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷудаи инфрасохторӣ татбиқ карда шаванд. Ин махсусан дар шароити мавҷудияти мушкилоти ҷуғрофӣ ва табиӣ, ки Тоҷикистон бо онҳо рӯ ба рӯ аст, аҳаммияти бештар пайдо мекунад.

Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд ҳамчун асос барои муайян намудани самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт хизмат намоянд. Бо дарназардошти таҳлили илмӣ, имкон пайдо мешавад, ки маблағгузорӣ ба он самтҳое равона карда шавад, ки самаранокии бештар дошта, ба рушди босуръати иқтисоди миллӣ мусоидат мекунанд.

**6. Мундариҷа ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, шаш боб (ки дорои зербобҳои мушаххас мебошанд), хулоса ва рӯйхати адабиёту интишороти довталаб иборат аст. Сохтори рисола мантиқӣ буда, ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот комилан мувофиқат мекунад ва муҳтавои он ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Ҳаҷми умумии рисолаи докторӣ аз 376 саҳифаи чопи компютерӣ иборат буда, дорои 13 ҷадвал ва 346 номгӯйи адабиёт мебошад.

Боби якуми рисола ба **“Омӯзиши масъала ва заминаҳои ташаккул ва рушди хоҷагии роҳ ва нақлиёт дар Тоҷикистон”** бахшида шуда, муаллиф

масъалаҳои таърихнигорӣ, сарчашмашиносӣ ва методологияи таҳқиқотро мавриди таҳлил қарор додааст. Ба андешаи муаллиф, омӯзиши масъалаи рушди роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон дар осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ то андозае инъикос ёфта бошад ҳам, таҳқиқоти комплексии фарогири тамоми бахшҳои соҳа кам ба назар мерасад. Дар зербоби якум “Таърихнигорӣ, сарчашмашиносӣ ва методологияи таҳқиқот” доираи васеи адабиёти илмӣ, санадҳои бойгонӣ, маводи оморӣ ва нашрияҳои даврӣ таҳлил гардида, арзиши илмии онҳо муайян карда шудааст. Муаллиф методҳои таърихӣ, муқоисавӣ, таҳлилӣ ва системавиро самаранок истифода бурдааст. Дар зербоби дуюм “Заминаҳои таърихии ташаккули роҳсозӣ ва инфрасохтори он дар Тоҷикистон” омилҳои ҷуғрофӣ, иқтисодӣ ва сиёсие, ки ба рушди роҳсозӣ дар минтақа таъсир расонидаанд, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Бо дарназардошти омилҳои географӣ, иқтисодӣ ва геополитикӣ нишон дода мешавад, ки рушди роҳҳо ҳамчун унсури калидии ҳамгироии иҷтимоию иқтисодӣ баромад менамояд. Хусусан, таъкид ба нақши роҳҳои таърихӣ ва Роҳи Бузурги Абрешим дар ташаккули робитаҳои иқтисодию фарҳангии минтақа, арзиши илмии таҳқиқотро боло мебарад.

Дар боби дуюм **“Ташаккул ва рушди хоҷагии роҳ ва инфрасохтори роҳсозӣ дар Тоҷикистон дар солҳои 20–40-уми асри XX”** масъалаҳои ташаккули инфрасохтори роҳсозӣ ва нақлиёти автомобилӣ дар солҳои аввали ҳокимияти шӯравӣ таҳлил гардидааст. Муаллифи рисола бо ҷалби доираи васеи манбаъҳои илмӣ ва бойгонӣ, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои Бойгонии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавонистааст маълумотҳои то ҳол маҳфузмондаро нишон дода, зарурати таҳқиқоти фарогирро асоснок намояд. Аз нигоҳи методологӣ низ истифодаи усулҳои таърихӣ, муқоисавӣ, системавӣ ва таҳлили оморӣ ба таҳқиқот хусусияти илмии амиқ мебахшад. Дар зербоби якуми боби дуюм “Бунёди инфрасохтори хоҷагии роҳ ва нақлиёти автомобилӣ дар солҳои 20–30-юми асри XX ва таъсири он ба пешрафти бахшҳои иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон” муаллиф равандҳои бунёди роҳҳои мошингард, ташкили муассисаҳои роҳдорӣ ва нақлиёти автомобилиро баррасӣ намуда, таъсири

онҳоро ба рушди савдо, кишоварзӣ ва саноат нишон додааст. Дар зербоби дуюм "Вазъи сохтмони роҳҳо дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва барқарорсозии баъдиҷангӣ" мушкилоти соҳаи роҳсозӣ дар давраи ҷанг ва тадбирҳои барқарорсозии баъдиҷангӣ таҳлил шуда, саҳми аҳолӣ ва сохторҳои давлатӣ дар барқарорсозии хоҷагии роҳу нақлиёт дуруст арзёбӣ намудааст. Махсусан, нишон дода мешавад, ки дар шароити душвори иқтисодӣ ва табиӣ роҳсозӣ тадриҷан ба як самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Баррасии вазъи инфрасохтори нақлиётӣ дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва марҳилаи барқарорсозии баъдиҷангӣ низ бо далелҳои муътамад пешниҳод гардида, аҳаммияти стратегии роҳҳоро равшан месозад.

Боби сеюм ба **"Аҳаммияти бунёди шабакаҳои роҳи оҳан ва авиатсияи гражданӣ дар тараққиёти хоҷагии халқи ҶШС Тоҷикистон"** бахшида шудааст. Дар зербоби якум "Вазъи шабакаҳои роҳи оҳан ва шаклгирии он дар солҳои 20–40-уми асри XX дар ҶШС Тоҷикистон" таҳқиқ гардида, аҳаммияти иқтисодии роҳи оҳанро дар рушди минтақаҳои саноатӣ ва интиқоли молу маҳсулот нишон додааст. Муаллиф бо такя ба далелҳои таърихӣ нишон медиҳад, ки ташаккули шабакаҳои роҳи оҳан ҳанӯз аз давраи сиёсати Империяи Рус оғоз ёфта, минбаъд ба як унсури муҳими рушди иқтисодӣ табдил ёфтааст. Баррасии хатҳои аввалини роҳи оҳан, аз ҷумла самтҳои пайвасткунандаи минтақа бо марказҳои бузург, инчунин таҳлили нақши онҳо дар гардиши молу маҳсулот, арзиши илмии таҳқиқотро тақвият мебахшад. Зербоби дуюм "Раванди ташаккул ва рушди авиатсияи гражданӣ дар ҶШС Тоҷикистон: заминаҳо ва шароити сиёсиву иқтисодӣ" марҳалаҳои ташаккули авиатсияи гражданӣ, таъсиси фурудгоҳҳо ва нақши онҳо дар таъмини алоқаи минтақаҳои дурдаст таҳлил гардидааст. Муаллифи диссертатсия ба таври асоснок нишон медиҳад, ки рушди авиатсия дар шароити кӯҳистонии Тоҷикистон аҳаммияти махсус доштааст. Ҳамзамон, таҳлили ташаккули авиатсияи гражданӣ, аз ҷумла парвози таърихии ҳавопаймои Юнкерс F-13, яке аз дастовардҳои муҳимми кори илмӣ ба ҳисоб меравад. Муаллиф тавонистааст нақши авиатсияро ҳамчун воситаи алтернативии иртибот дар шароити кӯҳистони Тоҷикистон асоснок

намояд ва нишон диҳад, ки он ба беҳтар гардидани робитаҳои маъмурӣ ва иқтисодӣ мусоидат кардааст.

Дар боби чорум масъалаи **“Механикунонии хоҷагии роҳ ва сохтмони роҳҳои нав дар солҳои 50–80-уми асри XX”** мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар зербоби якум ба “Масоили ташкили алоқаи нақлиётии минтақаҳо дар ҶШС Тоҷикистон ва рушди роҳҳои мошингард дар солҳои 50–80-ум” нигаронида шуда, сиёсати давлатӣ дар самти пайваст намудани минтақаҳои ҷумҳурӣ ва сохтмони роҳҳои аҳаммияти маҳаллӣ ва ҷумҳуриявидошта таҳлил шудааст. Дар зербоби дуюм бошад, “Механикунонии соҳаи роҳу нақлиёт ва нақши онҳо дар тараққиёти хоҷагии халқи ҷумҳурӣ” баррасӣ гардида, масъалаҳои ворид намудани техникаи муосир, баланд бардоштани иқтидори истеҳсолӣ ва беҳтар гардидани сифати хизматрасонии нақлиётӣ баррасӣ гардидаанд. Қайд карда мешавад, ки механиконӣ ба рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва суръатбахшии сохтмони роҳҳо мусоидат намудааст.

Дар боби панҷум масъалаи **“Идомаи барқарорсозии инфрасохтори нақлиёти ҳавоӣ ва роҳи оҳани ҶШС Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XX”** мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Дар зербоби якуми боби мазкур, ки ба “Барқарорсозӣ ва рушди авиатсияи граждани дар солҳои 50–80-ум” бахшида шудааст, масъалаҳои навсозии фурудгоҳҳо, зиёд гардидани хатсайрҳо ва рушди ҳамлу нақли ҳавоиро баррасӣ намудааст. Дар зербоби дуюм бошад, “Фаъолияти ташкилӣ ва иқтисодии нақлиёти роҳи оҳан дар таъмини соҳаҳои хоҷагии халқ” ва нақши роҳи оҳан дар рушди саноат, кишоварзӣ ва савдои дохиливу берунӣ таҳлил гардидааст.

Боби шашум ба таҳлили **“Раванди таҳаввул ва рушди соҳаи нақлиёти Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ”** бахшида шудааст. Дар зербоби якум вобаста ба “Сохтмону навсозии роҳҳои мошингард ва аҳаммияти нақбсозӣ дар замони истиқлоли давлатӣ” муаллиф аҳаммияти стратегияи давлатии баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва татбиқи лоиҳаҳои бузурги нақбсозиро таҳлил намудааст. Дар зербоби дувуми боби шашум “Вижагиҳои нақлиёти роҳи оҳан дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ” масъалаҳои

мутобиқшавии соҳа ба муносибатҳои нави иқтисодӣ ва мушкилоти молиявию техникӣ баррасӣ гардидаанд. Дар зербоби сеюм бошад, масъалаи “Таҳаввули авиатсияи гражданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: марҳалаҳо ва равандҳо” рушди ширкатҳои ҳавопаймоӣ, навсозии инфрасохтори фурудгоҳҳо ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Дар зербоби чорум ба “Ҳамкориҳои байналмилалӣ ва рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири асри XX ва аввали асри XXI” бахшида шуда, саҳми созмонҳои байналмилалӣ ва давлатҳои шарик дар татбиқи лоиҳаҳои роҳсозӣ ва нақлиётӣ баррасӣ гардидааст.

Муаллиф бо далелҳои илмӣ ва таҳлили асоснок нишон медиҳад, ки сиёсати давлатӣ дар самти рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар давраи истиқлол ба тақвияти ваҳдати миллӣ ва пешрафти иқтисоди кишвар таъсири мусбат расонидааст. Дар ин раванд, густариши шабакаҳои роҳу нақлиёт на танҳо робитаи минтақаҳоро беҳтар намуд, балки барои устувории иҷтимоӣ ва ҳамгироии дохилии кишвар низ заминаи мусоид фароҳам овард.

Дар баробари ин, метавон қайд кард, ки диссертатсия бо як қатор дастовардҳои назаррас ва ҷиҳатҳои мусбат фарқ мекунад. Пеш аз ҳама, интихоби мавзӯи таҳқиқотӣ аз нигоҳи илмӣ муҳим ва замонавӣ буда, ба масъалаҳои мубрами рушди инфрасохтори нақлиётӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар кори худ доираи васеи сарчашмаҳои илмӣ ва бойгониро ҷалб намуда, барои таҳлил маводи зиёди воқеиро истифода бурдааст, ки ин ба эътимоднокии натиҷаҳо мусоидат мекунад.

Ҳамчунин, дар таҳқиқот масъалаҳои таърихии рушди роҳу нақлиёт ба таври амиқ баррасӣ гардида, равандҳои асосии ин соҳа бо диди илмӣ таҳлил шудаанд. Истифодаи дурусти маълумоти оморӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ ба мустаҳкам шудани асосҳои илмии кор мусоидат намудааст. Дар баробари ин, риояи мантиқи илмӣ ва пайдарҳамии таҳлил дар тамоми бобҳо ба равшанӣ ва фаҳмо будани мазмуни диссертатсия мусоидат кардааст.

Яке аз ҷиҳатҳои муҳим инчунин хулосаҳои асоснок ва тавсияҳои амалӣ мебошад, ки онҳо дорои арзиши воқеӣ барои истифода дар амалия ҳастанд.

Умуман, натиҷаҳои таҳқиқот ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ аҳаммияти баланд дошта, метавонанд дар рушди минбаъдаи соҳаи нақлиёт ва таҳкими сиёсати давлатӣ истифода шаванд.

**7. Арзёбии умумии интишорот ва мутобиқати ихтисос.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 31 нашрияҳои батабърасондаи муаллиф, аз ҷумла, 2 монография, 29 мақолаҳои илмӣ, ки 24 номгӯй аз онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардиданд. Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба бандҳои 3, 4 ва 9-и шиносномаи ихтисоси илмии 6.1.1. Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) комилан мутобиқат менамояд.

**8. Эроду пешниҳодҳо.** Сарфи назар аз арзиши баланди илмии таҳқиқот, сифати баланди таълифи он ва саҳми назарраси шахсии довталаб, баъзе эродҳо ва пешниҳодҳоро иброз доштан мумкин аст:

1. Сарфи назар аз таҳлили амиқи соҳаи нақлиёти ҳавоӣ ва роҳи оҳан дар нимаи дуюми асри XX, муаллиф метавонист ба масъалаи омодасозии кадрҳои маҳаллии муҳандисӣ ва техникӣ дар ин соҳаҳо таваҷҷуҳи бештар зоҳир намояд;

2. Дар қисмати марбут ба давраи соҳибистиқлолӣ баъзе масъалаҳои муҳими муосир, аз ҷумла рақамикунонии соҳаи нақлиёт ва рушди логистика, нисбатан мухтасар баррасӣ шудаанд. Густариши ин ҷанбаҳо ба таҳқиқот мазмуни таҳлилии бештар медод;

3. Истифодаи сарчашмаҳои илмии хориҷии муосир дар бархе бахшҳо маҳдуд ба назар мерасад. Ҷалби васеътари адабиёти илмии олимони хориҷӣ метавонист заминаи назариявии рисоларо тақвият бахшад;

4. Дар боби шашум, ҳангоми баррасии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар замони истиқлолият, хуб мешуд, ки нақши долонҳои нақлиётии байналмилалӣ ва таъсири мустақими онҳо ба амнияти нақлиётии кишвар бо рақамҳои омории бештар нишон дода мешуд;

5. Дар баъзе зербобҳо такрори қисман шабеҳи андешаҳо ва маълумоти тавсифӣ мушоҳида мегардад, ки аҳаммияти матнро то андозае коҳиш медиҳад.

Ихтисор ва таҳрири услубӣ метавонист мантиқи дохилии матнро боз ҳам муназзамтар гардонад;

6. Дар матни диссертатсия ва автореферати он норасоиҳои ҷузъии имлоию техникӣ низ ба назар мерасанд, аз ҷумла хатогиҳои алоҳида дар истифодаи аломатҳои китобат, такрори баъзе калимаҳо ва номувофиқии баъзе ибораҳо бо меъёрҳои услуби илмӣ.

Мулоҳизаҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ ва машваратӣ дошта, ба арзиши умумии илмӣ, навгонӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ таъсири манфӣ намерасонанд.

**Хулоса.** Дар асоси мулоҳиза ва андешаҳои зикргардида метавон чунин хулоса намуд, ки диссертатсияи Айнулозода Наҳтулло Айнуло дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924–2021)» як таҳқиқоти мукаммал, мустақил ва хотимаёфтаи илмӣ-таърихӣ мебошад, ки дар он масъалаи муҳимми таърихи иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон ҳалли худро ёфтааст. Рисолаи мазкур ба талаботи Низомнома дар бораи ҳуқуқи додани дараҷаҳои илмӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст, комилан ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он – Айнулозода Наҳтулло Айнуло лоиқ ва сазовори донистани дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Доктори илмҳои таърих, профессори**
**кафедраи таърих ва диншиносии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Ҳомидзода Ф.М.**

**Суроға:** 735690, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вилояти Суғд,
ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, кучаи Ҷӯрабой Солиев 104.
Тел: (+992) 927889819.
E-mail: furkat.hamidov@mail.ru

Имзои профессори кафедраи таърих ва диншиносии ДДҲБСТ доктори илмҳои таърих, Ҳомидзода Ф.М. - ро тасдиқ мекунам:

**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Бобоев А.Х.**

22.06.2026 с.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС